ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

КАФЕДРАИ ИҚТИСОД ВА ИДОРА ДАР СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ РОҲБАРОНИ ИТИҲОДИЯҲОИ МЕТОДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.09.2024, №9/8-2 тасдиқ шудааст.

.

**Мураттиб**:

**Шердилова Сурайё** – дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи ДҶТИБКСМ

**Муқарриз**:

**Туронов С.** – сармутахассиси шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи АТТ, номзади илмҳои педагогӣ;.

**Муҳаррир**:

**Раҳматшоев И.** – мудири кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маориф

Барномаи таълимии мазкур бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии роҳбарони иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бо дарназардошти талаботи муосир ва муносибати босалоҳият ба таълим ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия гардидааст. Татбиқи барнома тавассути воситаҳои нави таълим (наворҳои таълимӣ ва ғ.) ҷараён мегирад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси роҳбарони итиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинӣ шудааст.

Душанбе – 2024

## ПЕШГУФТОР

Имрӯз кишвари мо дар марҳилаи нави ислоҳот қарор дошта, мутобиқи талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар тамоми соҳаҳо дигаргуниҳои густурда амалӣ гашта истодаанд ва ҳадафи олии он баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Албатта, ноил гардидан ба ин ҳадафҳо ва дар қатори кишварҳои пешрафтаи муосири ҷаҳон мавқеи арзанда пайдо кардани мамлакати мо, пеш аз ҳама ба рушди илму маориф ва дар ин замина тарбия намудани мутахассисони баландихтисос, вобаста мебошад, чунки агар мо ба сифати омода намудани кадрҳои ояндасоз таваҷҷуҳ зоҳир накунем, сатҳи касбии онҳоро баланд набардорем ва онҳоро бо маълумоти мукаммали замонавӣ мусаллаҳ насозем, рушди устувори ояндаи кишварро таъмин карда наметавонем.

Муҳайё сохтани шароити мусоиди таълимиву тарбиявӣ ва гузариш ба низоми таҳсилоти рақамӣ, ки маҳз дар даврони Истиқлолоият шуруъ гардидааст, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд. Ҳоло дар соҳаи маориф татбиқи стандартҳои нави таълимӣ идома дошта, таълими хонандагон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шудааст, ки он дар навбати худ зарурати ворид намудани шаклу воситаҳои нави азхудкунии илму дониш, мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва тақвияти малакаву маҳорати касбии омӯзгорон, таҳияву таълифи насли нави китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимиро тақозо менамояд.

Дар ин раванд баланд бардоштани сифати курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон хеле муҳим буда, шинос намудани онҳо бо усулҳои фаъоли таълим, методҳои нави таълиму тарбия, азхудкунии техника ва технологияҳои замонавӣ ва меъёрҳои салоҳиятнокии касбии ҳар як фанну ихтисос ҳатмӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо дарки он, ки омӯзгорон дар назди хонандагон масъулияти баланд дошта бошанд, онҳо бояд ҷиҳати омӯхтани навгониҳои илмиву

таълимӣ, таҷрибаи пешқадам ва такмили маҳорату малакаи касбии худ мунтазам кӯшиш намоянд.

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси роҳбарони итиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳаҷми 36 соат (танҳо барои тахассус) таҳия шудааст.

Барномаи намунавии таълимӣ оид ба курси такмили ихтисоси роҳбарони итиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф ва илми ҶТ» (2024 с.), Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикитсон то соли 2030, Низомнома ва Оинномаи ДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар таҳия гардидааст.

Мақсади асосии барнома - баланд бардоштани маҳорати касбии роҳбарони иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ошноӣ бо дастовардҳои нави илмии соҳа, роҳу усулҳои нави таълим, истифодаи тарзҳои нави инноватсионии таълим ва ташкили фаъолияти иттиҳодияҳои методии мактабӣ дар шароити кунунӣ бо назардошти навгониҳои соҳа ва вусъат бахшидан ва расонидани ёрии методӣ бо роҳҳои роҳбаладӣ (менторинг) мебошад. Шунавандагони курс дар ҷараёни омӯзиш аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва идоракунии он, асноди меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дастовардҳои нави соҳаи педагогика ва психология, ҳифзи табиат, пешгирии бемориҳои сирояткунанда, тарзи ҳаёти солим, тарбияи таҳаммулпазирӣ, шаклҳои ташкили фаъолияти методӣ, баргузор намудани ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методӣ, банақшагирӣ ва батанзимдарории фаъолияти он, роҳу усулҳои таҳлили дарс ва ғ. низ маълумот мегиранд. Онҳо

дар рафти курс аз роҳу воситаҳои истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ огоҳ шуда, роҳҳои истифода намудани онҳоро дар таълиму тарбия (таҳияи слайд дарс, лексияҳо бо воситаи проекторҳо, китобҳои электронӣ ва наворҳои таълимӣ) меомӯзанд.

Мундариҷаи барномаи мазкур ба беҳтар гардонидани муҳити таълимии муассисаҳои таълимӣ ва боз ҳам хубтар ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии омӯзгорони ҷавон, ташкили муназзами такмили ихтисоси омӯзгорон дар муҳити фаъолияти кори педагогӣ, ба роҳ мондани усулҳои гуногуни роҳбаладӣ (менторинг) ва малакаҳои касбии омӯзгорон равона шудааст.

**Шакли машғулиятҳо**: лексионӣ-амалӣ, амалӣ, семинар ва мубоҳисаҳо.

Барнома аз сохтор, сарсухан, мавзуъ ва мундариҷа ва адабиёти истифодашудаю тавсияшаванда иборат аст.

Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунанд. Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ такя намуда, усулҳои таълимии гуногунро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногун барои роҳбарони иттиҳодияи методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳлил ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба роҳбарон имконият медиҳад, ки дар раванди кори худ метавонад ин ё он усулро интихоб намуда, дониш ва малакаи худро дар ташкили кори иттиҳодияҳои методӣ баланд бардоранд ва мукаммал созанд.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим** - мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷаи онҳо, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути онҳо мавзуъ ва мундариҷаи он

таҳлилу баррасӣ шуда, азхуд карда мешаванд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

– сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;
– навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;
– мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанҳоро шарҳ дода, дар асоси он барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои тақвимӣ ва дарсиро таҳия, ташхис ва таҳлил карда тавонанд;
– усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ кунанд;
– ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода баранд;
– асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими фанҳо мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монда тавонанд;
– мавзуъҳои ҳар як фанро бо масъалаҳои ҳаётӣ алоқаманд карда тавонанд ва ба омӯзгорон дар ин хусус маслиҳат дода тавонанд;
– муносибати босалоҳият ба таълим ва роҳу усулҳои татбиқи онро донанд.

**Талабот ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон**

Пас аз хатми курс шунаванда бояд:

•моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

•талаботи Стандарти давлатии таълим ба салоҳияти касбии омӯзгор;

•асосҳои назариявӣ ва амалии психология ва педагогика;

•истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанҳо;

•моҳият, хусусият ва усулҳои таҳқиқоти илмиро донад.

**Салоҳият:**

•таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ;

•мониторинги сифати дониши хонандагонро гузаронида тавонанд;

•фаъолияти мустақилии омӯзгорон ва хонандагонро ҳангоми кор бо технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ ва инноватсионӣ ба роҳ монда тавонанд;

•барномаҳои таълимии иловагиро оид ба фанҳои таълимӣ ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб ва арзёбӣ карда тавонанд;

•мустақилона саволномаҳоро оид ба аттестатсияи ҷамбастӣ (ретинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторина аз фанҳои таълимӣ тартиб ва омода намоянд;

•аттестатсияи омӯзгоронро тибқи муқаррарот ташкил ва баргузор карда тавонад;

•маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикӣ оид ба таълими фанҳоро бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;

• асосҳои кор бо компютер, тахтаи электронӣ ва дигар таҷҳизоти техникии таълимӣ: кор дар: барномаи системаи иттилоотии ҷамъоварии маълумоти омории Emis ва барномаи электронии «eDonish» истифодаи манбаҳои иттилоотии таълимӣ аз шабакаи Интернет, мақсаднок истифода бурдани почтаи электронӣ, сомонаҳои таълимӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани низоми таълими фосилавӣ, дарсҳои аидеоӣ ва ташкили вебинарҳо ва

конференсияҳои онлайнӣ тавассути Zoom, Microsoft Teams, Skype, Discord.

•дар асосии донишҳои назариявӣ таҳқиқот гузаринида тавонад.

**Малакаҳои зеринро дошта бошанд:**

•технологияи муосири педагогии таълими фанҳо;

•истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;

•методологияи тарҳи истифодаи ТИК.

Талаботи мазкур тавассути тести (санҷиши) ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ аз хатми курси мазкур ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба суроғаи электронии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф takmili.ihtisos@maorif.tj ирсол намоянд.

## НАҚШАИ

**таълимии курси такмили ихтисоси роҳбарони иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | **28** | **12** | **16** |
| | **Ҳамагӣ** | **28** | **12** | **16** |

**Нақшаи**
**тақвимии ихтисоси роҳбарони иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1** | **Тахассус, такмили маҳорати касбӣ** | **28** | **12** | **16** |
| **1.1** | Вазифаҳои асосии иттиҳодияҳои методӣ дар муассиса | 6 | 2 | 4 |
| **1.2** | Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он | 4 | 2 | 2 |
| **1.3** | Таҳлили дарс ва нақши он дар болоравии сатҳи омодагии касбии омӯзгорон | 4 | 2 | 2 |
| **1.4** | Воситаҳои арзёбии муносибати босалоҳият ба таълим. Стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда | 6 | 2 | 4 |
| **1.5** | Банақшагирии кори иттиҳодияи методӣ | 4 | 2 | 2 |
| **1.6** | Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ. Нақшаи намунавии кори солонаи роҳбарони иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ | 4 | 2 | 2 |
| **2.** | **Мавзуъҳои иловагӣ** | | | |
| **2.1.** | Ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ | **6** | **2** | **4** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **2.2.** | Хадамоти методии муассиса ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ - омили муҳимми такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон | **6** | **2** | **4** |
| **2.3.** | Усулҳои фаъол ва технологияҳои нави таълим. Роҳҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо | **4** | **2** | **2** |
| **2.4.** | Тафаккури интиқодӣ | **4** | **2** | **2** |
| **2.5.** | Роҳҳои истифодаи самараноки маводи рақамӣ дар раванди таълим | **2** | **1** | **1** |
| **2.6.** | Арзёбии сифати таҳсилот. Арзёбии миллӣ ва байналмиллаӣ (PISA | **4** | **1** | **3** |
| **2.7.** | Барномаҳои таълим ва нақшаи таълимӣ: рафти иҷроиш ва талаботи асосии онҳо | **2** | **1** | **1** |
| **2.8.** | Тадбиқи низоми 10 хола ва тарзи пур намудани дафтарҳои синфӣ | **4** | **2** | **2** |
| **2.9.** | Стратегия, консепсия, барномаҳои давлатӣ, низомномаҳо, дастурҳо, тартибҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ | **4** | **2** | **2** |

**Эзоҳ: лекторҳо метавонанд дар раванди машғулиятҳо бо хоҳиши шунавандагон аз мавзуъҳои иловагӣ низ дарс гузаранд.**

## 1.Тахассус, такмили маҳорати касбӣ (28 соат)

### Мавзуи 1.1. (6 соат). Вазифаҳои асосии иттиҳодияҳои методӣ дар муассиса

Иттиҳодияи методӣ накши он дар пешбурди фаъолияти таълимию тарбиявӣ. Муқаррароти умумии ташкили иттиҳодияи методӣ дар мактаб. Иттиҳодияи методӣ сохтори хадамоти методӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Самтҳои фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, методӣ, таҷрибавию озмоишӣ ва корҳои беруназсинфӣ аз руйи фанҳо ва ё гурӯҳи фанҳо. Иттиҳодияи методӣ ва ҳайати омӯзгорони он. Шакл ва тартиби фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Иттиҳодияи методии фаннӣ. Иттиҳодияи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои равиявӣ (гуманитарӣ ва ё табиию риёзӣ). Иттиҳодияи методии роҳбарони синф. Иттиҳодияҳои методии роҳбарони маҳфилҳои фаннӣ.

Ташкил, азнавсозӣ ва қатъ намудани фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Мутассадии асосии пешбурди фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Вазифа ва ҳадафҳои он. Мақсад ва мундариҷаи фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Иттиҳодияи методӣ ҳамчун сохтори алоҳида дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Ташкили ҷараёни доимии такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони мактабҳо. Шаклҳои асосии фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ. Самаранокии фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Низоми фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Таъини роҳбари иттиҳодияи методӣ. Ба роҳ мондани фаъолият дар асоси нақшаи солона. Марҳилаҳои асосии таҳияи нақшаи солонаи фаъолияти иттиҳодияи методӣ ва нақшаҳои фардии аъзоёни он. Баргузор намудани ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ. Назорат ва танзими фаъолияти иттиҳодияи методӣ аз тарафи маъмурияти мактаб. Ҳуҷҷатгузории фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Низомнома оид ба иттиҳодияи методӣ. Вазифаҳои хизматии ҳайати омӯзгорони иттиҳодияи методӣ. Хулоса ва таҳлили фаъолияти иттиҳодияи методӣ.

Мавзуъҳои фаъолияти методӣ, мақсадҳои он, самтҳои афзалиятнок ва вазифаҳо дар соли нави хониш. Нақшаи фаъолият дар соли нави хониш. Нақшаи татбиқи зина ба зинаи чорабиниҳои нақшавии иттиҳодияи методӣ бо нишондоди мӯҳлат ва шахсони мутасаддӣ. Базаи ягонаи маълумот оид ба ҳайати омӯзгорони иттиҳодияи методӣ (синну сол, маълумот, дараҷаи тахассусӣ, собиқаи умумии кор ва собиқаи омӯзгорӣ, мукофоту унвонҳо, суроға ва телефон). Маълумот оид ба мавзуъҳои худомӯзии омӯзгорони ҳайати иттиҳодияи методӣ. Реҷаи баргузор намудани дарсҳои кушод ва чорабиниҳои беруназсинфӣ аз тарафи омӯзгорон аъзоёни иттиҳодияи методӣ. Нақшаи дурнамои аттестатсияи омӯзгорон ва иштироки онҳо дар КТИ ва омӯзишҳои фаннӣ. Нақшаи баргузории ҳафтаҳои методӣ (агар иттиҳодияи методӣ дар алоҳидагӣ доир намояд). Нақшаи корӣ оид ба мутахассисони ҷавон ва амалисозии он. Натиҷаҳои санҷиши дохилимактабӣ ва назорати сифати таҳсилот. Протоколҳои ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ. Ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои методӣ.

## Мавзуи 1.2. (4 соат). Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он

Масъалаҳои назариявию амалии муносибати босалоҳият ба таълим. Мафҳуми салоҳият, босалоҳият, муносибати босалоҳият ба таълим, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими аънанвӣ ва салоҳиятнокӣ, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳои муносибати босалоҳият ба таълим. Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Кори амалӣ бо ҷадвали

муқоисавии хусусиятҳои фарқкунандаи таълими анъанавӣ ва салоҳиятнок.

Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим. Кор бо стандартҳои фаннии зинаи 2 ва 3-и таҳсилот, маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳида ва консепсияи ташаккули салоҳиятҳо. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ ва корҳои амалӣ.

**Мавзуи 1.3. (4 соат). Таҳлили дарс ва нақши он дар болоравии сатҳи омодагии касбии омӯзгорон**

Мақсадҳои асосии таҳлили раванди дарс. Намудҳои таҳлили дарс ва мақсадҳои он. Таҳлили дарс аз нигоҳи омӯзгор ва маъмурияти мактаб.

Таҳлили дарс аз нигоҳи омӯзгорон. Қолаби дарси муосир – мазмуну мундариҷаи онҳо. Омӯзгор барои худ шакл ва сохти таҳлили дарсро муайян мекунад, ки он барояш мувофиқ ва имконпазир аст. Ба миён омадани марҳилаи шубҳа ва нофаҳмиҳо: имкони интихоб ва зарурати бештар андешидану мулоҳиза кардан. Ақида ва назарияҳо барои таҳлили дарс. Нарасидани вақт барои таҳлил, надоштани хоҳиш барои таҳлил ва таҳлили дарс аз руйи қолабҳои фармоишии болоӣ. Таҳлили дарс аз нигоҳи омӯзгорон ва манфиати онҳо. Таҳлили дарс аз тарафи маъмурияти мактаб. Дарс нишондиҳандаи асосии фаъолияти омӯзгорӣ. Зарурати доштани малакаҳои таҳлили дарсҳо барои маъмурияти мактаб ва роҳбарони иттиҳодияҳои методии мактабҳо. Таҳлили дарс омили асосии муайян кардани мушкилиҳои муайяни фаъолияти касбии омӯзгорон. Саривақт муқаррар кардани норасоӣ ва расонидани ёрии зарурии методӣ ба омӯзгор бо мақсади такмили маҳорати касбии ӯ. Зарурати худтаҳлилкунии омӯзгор ва худбаҳогузории ӯ ба фаъолияти касбӣ: худтаҳлилкунӣ нишондиҳандаи асосии рушди касбии омӯзгорон.

Таҳлили усулҳои дарсгузарӣ, тарзҳои фаъолгардонии хонандагон, самаранокии азхудкунии мавод. Сабабҳои аз нигоҳи физиологиву гигиенӣ ва педагогикаи солимӣ таҳлил накардани машғулиятҳо. Намудҳои таҳлили дарс ва ҳадафҳои асосии он.

а) Таҳлили дарс аз нигоҳи беҳдошти солимии хонандагон

б) Таҳлили ҷанбаи педагогии дарс

в) Таҳлили ҷанбаи психологии дарс

Таҳлили анъанавии дарс. Бартариҳои схемаҳои анъанавии таҳлил. Норасоиҳои схемаҳои анъанавии таҳлил.

Таснифоти анъанавӣ барои таҳлили қисматҳои ҷудогонаи дарс: психологӣ, педагогӣ, методӣ, физиологию гигиенӣ. Гузаронидани таҳлили комплексии дарс, бо назардошти тамоми талабот ва таҳлили ҷузъӣ (ягон паҳлӯ). Маҳдудият ва норасоиҳои таҳлили анъанавӣ.

Меъёр - ченаки баҳо. Низоми арзёбии дониш, ҷорӣ намудани системаҳои муосири баҳогузорӣ. Характери сатҳӣ доштани меъёрҳо ва натиҷаҳои он. Ба инобат гирифтани сатҳи гуногуни таҷрибаи педагогӣ ва маданияти методологии ҳар як омӯзгор, аз тарафи назораткунандагон.

Мақсадҳои иштирок ба дарс. Пешакӣ шинос намудани омӯзгорон аз ҳадафҳои таҳлил ва нақшаи таҳлили дарс аз тарафи роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ.

Вазифаҳои назорати дохилимактабӣ. Назорат ҷараёни идоракунӣ, на ошкор кардани камбудиҳо бо мақсади танбеҳ (то ба дигарон дарси ибрат шавад).

Таҳлили дарс нишондиҳандаи касбияти омӯзгор, муовинони директор ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ. Маҳорати истифодабарии нақшаҳои гуногуни таҳлили дарс аз тарафи маъмурияти мактаб. Таҳлили дарс аз мавқеи фаъолияти омӯзгор ва хонанда, аз ҷиҳати педагогӣ, психологӣ, методӣ, гигиенӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо.

**Мавзуи 1.4. (6 соат). Воситаҳои арзёбии муносибати босалоҳият ба таълим. Стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда.**

Таҳлил ва таҳияи воситаҳои арзёбӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Зарурияти масъалаи арзёбӣ. Ҷанбаҳои арзёбӣ: арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ, усулҳо ва методҳои дигари муносибати босалоҳият ба таълим. Таҳия, муҳокима, намоиш ва таҳлили нақшаҳои дарсӣ.

**Мавзуи 1.5. (4 соат). Банақшагирии кори иттиҳодияи методӣ**

Банақшагирӣ самти муҳим ва дақиқ аст. Аксиомаҳои банақшагирӣ. Нақшаи дурнамо. Таҳлили фаъолияти методӣ. Муайян кардани норасоиҳо. Мақсаду вазифаҳои дарозмӯҳлати фаъолияти методӣ. Равияҳои асосии фаъолияти методӣ, масалан, ташкил кардани коргоҳи эҷодӣ ё коргоҳи устоди моҳири доимоамалкунанда барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва ғ. Мустаҳкам кардани заминаи илмию методӣ ва дидактикии мактаб.

Нақшаи солона. Таҳлили нақшаи солона. Мақсаду вазифаҳо дар соли таҳсили ҷорӣ. Омӯхтани таҷрибаи пешқадам. Инкишофи дараҷаи касбӣ. Кор бо мутахассисони ҷавон. Ташкили хазинаи таҳияҳои методӣ.
Ҷамъомадҳои методӣ. То оғози ҷамъомад чӣ бояд кард? Мақсади ҷамъомади иттиҳодияи методӣ.

**Мавзуи 1.6. (4 соат). Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ. Нақшаи намунавии кори солонаи роҳбарони иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ**

Мақсаду муҳтавои Низомномаи роҳбарони иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ. Муқаррароти умумӣ. Ҳадаф ва вазифаҳо. Самтҳо ва мазмуни фаъолият. Салоҳиятҳои иттиҳодияҳои методӣ. Вазифаҳои аъзоёни иттиҳодияи методӣ. Ҳуҷҷатгузорӣ. Тарзи таҳия намудани нақшаи намунавии кори солонаи роҳбарони иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ.

## Мавзуъҳои иловагӣ

### Мавзуи 2.1. (6 соат). Ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ аз фанни таълимӣ

Усули сохтани тестҳо. Тарзи гузаронидани имтиҳон ва ё санҷиш бо усули тестӣ. Натиҷагирии тест ва ё мониторинг. Тарзи омӯзиши хонандагон бо усули пуркунии варақаи тестӣ. Бартарияти назорати дониши хонандагон бо методи тестӣ.

Тест чист? – Тест ин натиҷаи арзёбии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон. Усули гузаронидани тест тақозои замон. Мақсади тест.

Истифодаи санҷиши тестӣ. Гузаронидани тести ибтидоӣ. Тести ҷамъбастӣ – ба системадарорӣ, чамъбасти маводи таълим, санҷиши дониш, малака ва маҳорати ба даст омада.

Таҳияи тест аз рӯйи меъёрҳо.

1. Илмӣ (Барои чӣ? Бо кадом мақсад?)

2. Эътимоднокӣ (то кадом андоза натиҷаҳои бадастомада боварибахш буда, тасодуфӣ нестанд)

3. Объективӣ (мазмуни масъалаҳои тест асоси илмӣ дошта, барои арзёбии ҳаққонии дониш, малака ва маҳоратҳо. Навъҳои тест. Тести кушода. Тести пӯшида.

### Мавзуи 2.2. (6 соат). Хадамоти методии муассиса ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ- омили муҳимми такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон

Хадамоти методии муассиса. Сохтори хадамоти методии муассиса. Кабинети методии мактаб. Шурои методии муассиса. Иттиҳодияҳои методии омӯзгорони

фанҳо. Вазифаи хадамоти методии мактаб. Объектҳои хадамоти методии муассиса. Вазифаҳои хадамоти методӣ. Фаъолияти кабинети методии муассиса. Нақшаи солонаи кабинети методии муассиса. Шурои методӣ (педагогӣ). Фаъолияти Шурои методӣ.

Нақшаи кори иттиҳодияҳои дохилимактабӣ. Маҳфилҳои фаннӣ. Дарсҳои иловагӣ. Корҳои инфиродӣ. Омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон. Ташкили табодули таҷриба ва худомӯзии омӯзгорон. Ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавону навкор оид ба омӯзиши усулу равишҳо ва технологияи нави тадрис. Иҷрои барномаҳои таълимӣ. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ, даври аввали олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои касбӣ. Ташкил ва гузаронидани хонишҳои педагогӣ. Такмили маҳорати касбии омӯзгорон. Асноди меъёрию ҳуқуқии соҳа. Омӯзиши барномаҳои таълимӣ.Таҳлили дониш ва маҳорати хонандагон. Ташкили корҳои беруназсинфӣ. Тавсияҳои методӣ.

**Мавзуи 2.3. (4 соат). Усулҳои фаъол ва технологияҳои нави таълим. Роҳҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо.**

Маълумот оид ба таърихи усулҳои фаъоли таълим. Фарқияти усулҳои фаъоли таълим аз усулҳои анъанавӣ. Технологияи усулҳои таълим. Маҳфили ҳозирҷавобон, дарс-конференсия, дарси ғайримуқаррарӣ, дарс-мубоҳиса. Дарёфти роҳу усулҳои фаъоли таълим, истифодаи васеи техникаи муосир дар раванди таълим. Машғулияти амалӣ ба таври ғайрианъанавӣ бо истифодаи аёният, воситаҳои техникӣ, аз ҷумла проектор ва тахтаи электронӣ, усулҳои фаъоли таълим- кластер усули шаршара, диаграммаи Вен ва ғайраҳо. Дарси амалӣ дар намуди мусобиқа дар гурӯҳҳо бо татбиқ намудани назария ба амалия, проблемагузорӣ бо таҷрибаҳои шавқовар, вобаста ба қобилияти ҳар як хонанда супоришҳои инфиродӣ. Усулҳои муосир ва фаъоли таълим: интерактивӣ, коммуникативӣ (муоширатӣ)-ӣ.

Ташкили таълими модулӣ, бисёрзинагӣ, усулҳои инноватсионию фаъоли таълим ва шаклҳои дигари мутобиқ ба талаботи замони муосир.

**Мавзуи 2.4. (4 соат). Тафаккури интиқодӣ**

Тафаккури интиқодӣ чист ва чӣ тавр метавон онро рушд дод. Ғояҳои тафаккури интиқодӣ. Нақши бунёдии тафаккури интиқодӣ. Хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ.

**Мавзуи 2.5. (2 соат). Роҳҳои истифодаи самараноки маводи рақамӣ дар раванди таълим**

Афзалиятҳои маводи рақамӣ дар ҷараёни таълим ва омӯзиш. Аҳамияти омӯзиши фосилавӣ бо истифода аз маводи рақамӣ. Сохтори дарсҳои видеоӣ, Банақшагирии омӯзишҳои фосилавӣ бо истифода аз дарсҳои видеоӣ ва барномаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ. Арзёбии натиҷаи пешрафти таълимии муҳассилин ҳангоми истифодаи дарсҳои видеоӣ. Тавсияҳо ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзгорон ва падару модарон оид ба истифодаи дарсҳои видеоӣ.

**Мавзуи 2.6. (4 соат). Арзёбии сифати таҳсилот. Арзёбии миллӣ ва байналмиллаӣ (PISA )**

Арзёбӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Консепсияи миллии арзёбӣ. Арзёбиҳои байналмилалии маъруфтарини сифати таҳсилот. PISA ва самтҳои он. Саводнокии функсионалӣ, хониши функсионалӣ.

**Мавзуи 2.7. (2 соат). Барномаҳои таълим ва нақшаи таълимӣ: рафти иҷроиш ва талаботи асосии онҳо**

Барномаҳои таълимӣ. Тарзи таҳия намудани нақшаи таълимӣ. Тарзи таҳия намудани нақшаи дарс дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим. Тадбиқ намудани ҳадафҳои стандарт. Дар асоси стандартҳои фаннӣ таҳия намудани мақсадҳои дарс.

**Мавзуи 2.8. (4 соат). Тадбиқи низоми 10 хола ва тарзи пур намудани дафтарҳои синфӣ**

Низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи он. Ҷадвали баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон.

Тартиби ҷамъбаст намудани натиҷаҳои баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон. Тартиби қайдҳо дар журнали синфӣ

**Мавзуи 2.9. (4 соат). Стратегия, консепсия, барномаҳои давлатӣ, низомномаҳо, дастурҳо, тартибҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ**

Стратегия. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Консепсияи гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаҳои давлатии амалкунанда ва тадбиқӣ онҳо дар муассисаҳои таълимӣ. Низомномаи намунавиии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Дастурҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

[1]. Азизова М., Олимова Ф., Каримов Т., Раҷабов М. Дастур барои роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули малакаҳои хониш (барои роҳбаладон). Душанбе, 2018.

[2]. Атахонов Т, Муллоев А. Фарҳанги истилоҳоти маориф. Душанбе: Аржанг, 2012.- 120 с.

[3]. Бобизода Ғ., Зиёӣ Х., Акобиров Ш., Исоев.К, Байзоев А., Алиев. Таҳияи Стандарт, барномаи таълим ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури методӣ). Душанбе, 2018. -50 с.

[4]. Бобоев Ҳ. Омилҳои муайянкунандаи сифати таҳсилот бояд фаъол бошанд. «Маорифи Тоҷикистон». Душанбе, 2007. С. 48-60.

[5]. Бобоев Ҳ. Такмили ихтисос- зинаи ҳатмии таҳсилот. «Маорифи Тоҷикистон». Душанбе 2007. С. 28-40.

[6]. Доираи салоҳиятҳои омӯзгор. Душанбе, 2019. -19 с.

[7]. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006, №94.

[8]. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2002, №200.

[9]. Консепсияи ташаккули ҳукумати электрони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011, №643.

[10]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1329.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе: Шарқи Озод, 2013.- 41 с.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз 24.12.2022, №1920.

[13]. Искандаров Ҳ. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ (дастури методӣ). Душанбе. 2005.

[14]. Лейфман И.Ф. Карточки для дифференцированного контроля знаний. 1-10 частей. М:. 2005.

[15]. Лутфуллоев М.- Эҳёи педагогикаи тоҷик. Душанбе, -1997.
[16]. Муллоев А. Шодиев М. Ташкили ҷараёни таълим ва талабот ба дарси муосир. Душанбе, 2007.- 153 с.
[17]. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим. Модули таълимӣ. Душанбе, 2017. - 136 с.
[18]. Мухторов З., Искандарова Г. Дастур барои тренерони барномаи «Хониш ва китобат дар рушди тафаккури интиқодӣ». - Душанбе, 2008.-96 с.
[19]. Мухторов З., Раджабов М. Стратегии развития критического мышления в школе. Пособие 1 для учителей английского языка. - Душанбе, 2008.-76 с.
[20]. Мухторов З., Раджабов М. Стратегии развития критического мышления в школе. Пособие 2 для учителей английского языка. - Душанбе, 2008.
[21]. Майоров А.Н. Мониторинг в образование. Интеллект – Центр. М:. 2005.
[22]. Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Арзёбӣ дар низоми салоҳиятнокӣ (дастур барои омӯзгор). Душанбе, 2016.-65 с.
[23]. Ниёзов Ф., Алиев А., нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо (дастур барои омӯзгор). Душанбе, 2016.-73 с.
[24]. Низомномаи итттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ.- 2013.
[25]. Низомномаи намунавии муассисаҳои миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01. 06. 2016, №237; 202. 287 с.
[26]. Низомномаи шурои методии муассисаҳои таълимӣ. 2002.
[27]. Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ.
[28]. Примерная программа воспитания школьников. Душанбе. - 2004.
[29]. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2020. №526.
[30]. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01. 08. 2015, №494.

[31]. Тартиби ба навор гирифтани дарсҳои видеоӣ. Таҳсилоти давомноки босифат ва фарогир барои ҳамаи кӯдакон. Душанбе, 2021.- 13 с.
[32]. Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.06.2017, №281.
[33]. Тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.04.2023, №377.
[34]. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Зери таҳрири  Д.В. Сафин ва Р.Г.Мусина ; Душанбе, 2006.- 98 с.